**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(Натиҷаҳои фаъолият дар моҳҳои январ-июни соли 2020)**

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | |
| **1** | Сохтори Эътилоф | **5** |
| **2** | Натиҷаҳои асосии фаъолияти Эътилоф дар нимсолаи аввали соли 2020 | **7** |
| **2.1.** | Фаолияти Эътилоф ҷв ташкилотҳои узви Эътилоф оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди пандемияи COVID-19 | **10** |
| **2.2.** | Татбиқи низоми офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона | **15** |
| **2.3.** | Кӯмаки ҳуқуқӣ | **15** |
| **2.4.** | Татбиқи Принсипҳои Истамбулӣ баҳри ташхиси самараноки тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон | **24** |
| **2.5.** | Тавзеҳи масоили шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма | **26** |
| | | |

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО**

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКД | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВА | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШВКД | Шӯъбаи Вазорати корҳои дохилӣ |
| ВҲИ | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СРИҶҶ | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ТТ | Тавқифгоҳи тафтишотӣ |
| ТНМ | Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ |
| ГКҲ | Гурӯҳ оид ба кӯмаи ҳуқуқӣ |
| ГОҚ | Гурӯҳ оид ба офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| КҲР | Кӯмаки ҳуқуқии ройгон |
| СМҲ | Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| ПИ | Протоколи Истамбулӣ |
| САҲА | Созмони ҳамкорӣ ва амният дар Аврупо |
| ТСТ | Ташхиси судиву тиббӣ |
| КМҶ | Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ |

## 1. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2011 баҳри муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Эътилоф намояндагони ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони алоҳидаро, ки дар самти мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона фаъолият мебаранд, муттаҳид месозад ва дар асоси **Қоидаҳо ва принсипҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегия амал менамояд.**

Ба ҳолати 30 июни соли 2020 аъзоён ва шарикони Эътилоф зидди шиканҷа дар Тоҷикистон аз 13 ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва 9 шахсони воқеӣ иборат мебошанд:

1. Ташкилоти ҷамъиятии “Апейрон”
2. Ташкилоти ҷамъиятии “Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир”
3. Ассотсиатсияи Машваратчиёни халқии вилояти Суғд
4. Ташкилоти ҷамъиятии Созмони занони маъюб “Иштирок"
5. Ташкилоти ҷамъиятии "Дунёи ҳуқуқ"
6. Ташкилоти ҷамъиятии "Наҷоти кӯдакон"
7. Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"
8. Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
9. Ташкилоти ҷамъиятии "Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон"
10. Ташкилоти ҷамъиятии "Отифа"
11. Ташкилоти ҷамъиятии "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"
12. Фонди ҷамъиятии "Ташаббуси ҳуқуқӣ"
13. Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази ҳуқуқи инсон"
14. Абдурахмон Шарипов, адвокат
15. Аскар Турсунов, адвокат
16. Ахлиддин Салимов, рӯзноманигор
17. Зоир Раззаков, коршиноси тиббӣ
18. Наргис Хамрабаева, рӯзноманигор
19. Фазлиддин Ходжаев, рӯзноманигор
20. Ойнихол Бобоназарова, коршиноси мустақил
21. Умед Ниязов, адвокат
22. Шухрат Саидов, ҳуқуқшинос

**Гурӯҳҳои корӣ ва мақомотҳом роҳбарикунанда:**

Ба ҳолати 31 марти соли 2020 дар Эътилоф гурӯҳҳои корӣ ва барномаҳои Эътилоф амал менамоянд:

**Шӯрои Эътилоф –** тамоми аъзоён ва шарикони амалкунандаи Эътилоф.

**Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Нурмахмад Халилов, “Маркази ҳуқуқи инсон”

**Маркази таҳлилӣ –** Нигина Бахриева, Фонди ҷамъиятии “Нотабене”

**Гурӯҳ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрумкунӣ ва маҳдудкунӣ аз озодӣ** – Фарход Бобоев, “Маркази ҳуқуқи инсон”, Парвина Гиясова, “Апейрон” (дар асоси Стратегия амал менамояд)

**Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ –** Гулчехра Холматова, «Дунёи ҳуқуқ» (дар асоси Низомнома амал менамояд)

**Гурӯҳ оид ба офиятбахшӣ –** Гулчехра Рахманова, «Ташаббуси ҳуқуқӣ» (дар асоси Стратегия амал менамояд)

**Гурӯҳи расонаӣ** – Шоира Давлатова, "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" (дар асоси Стратегия амал менамояд)

Эътилоф дорои сомонаи худ www.notorture.tj ва саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад:

Дар Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/
Дар Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
Дар Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
Дар Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw
Дар Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
Дар Телеграм: http://t.me/j
Дар Инстаграм: notorture.tj

## 2. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ

Аз ҷониби ташкилотҳои узви Эътилоф **25 муроҷиатҳои нав оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмонаи эҳтимолӣ ҳуҷҷатгузорӣ гардида**, беш аз **108 машварат** дода шуд. Дар мавриди **17 парвандаи нави** шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва **11 парвандае**, ки қаблан ба қайд гирифта шудаанд ва адвокатҳои Эътилоф аз солҳои гузашта пеш мебаранд, **дастгирии ҳуқуқӣ расонида шуд**. Аз ҷониби ташкилоти узви Эътилоф "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" **208** машварат ба **даъватшудагон, хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо** дода шуда, аз рӯйи 7 парванда дастгирии ҳуқуқӣ расонида шуд.

27 нафар (аз рӯйи 18 парванда) аз **офиятбахшӣ** гузаштанд, аз ҷумла 8 мард, 13 зан, 2 писари ноболиғ ва 4 духтари ноболиғ. Аз шумораи умумии шахсон 15 нафар қурбонии бевоситаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, як духтар (12 сола) қурбонии зӯроварии шаҳвонӣ ва 11 нафар хешовандони қурбониёни шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.

Аз ҷониби Гурӯҳи расонаӣ 182 мавод, аз ҷумла бо забони русӣ - 82 мавод (Варақаҳои матбуотӣ - 6, таҳлилҳо - 4, маводҳои мултимедиавӣ/видеоӣ/аудиоӣ - 3, маводҳои иттилоотӣ - 20, аз манбаҳои дигар - 4, маводҳо барои иқдомҳо ва маъракаҳо - 45); бо забони тоҷикӣ - 80 мавод (Варақаҳои матбуотӣ - 5, таҳлилҳо - 4, маводҳои мултимедиавӣ/видеоӣ/аудиоӣ - 2, маводҳои иттилоотӣ - 20, аз манбаҳои дигар - 4, маводҳо барои иқдомҳо ва маъракаҳо - 45); бо забони англисӣ- маводҳо барои иқдомҳо ва маъракаҳо – 20 мавод нашр гардиданд.

**Омодасозии гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2019.** Дар давоми моҳи декабри соли 2019 - январи соли 2020, омодасозии гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2019 оғоз гардид. Гузориш дар сомонаи Эътилоф бо забонҳои русӣ[1] ва англисӣ[2] нашр гардидааст.

**Гузориш оиди фаъолияти минбаъда марбут ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа дар бораи раванди иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф аз ҷониби Тоҷикистон**[3]. Кумитаи зидди шиканҷа дар тавсияҳои ниҳоии худ нисбати гузориши даврии сеюми Тоҷикистон се тавсияи асосии афзалиятнокро муайян намудааст (CAT/C/TJK/CO/3), ки оиди иҷрои онҳо давлати аъзо дар давоми як сол бояд ҳисобот диҳад. Эътилоф дар якҷоягӣ бо Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Белгия) ва Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (ФҲҲИ(Лаҳистон) гузоришро оиди фаъолияти минбаъда таҳия намуд[4].

[1] https://notorturetj.org/activities/rezultaty-deyatelnosti-koalicii-grazhdanskogo-obshchestva-protiv-pytok-i-beznakazannosti
[2] https://notorturetj.org/en/activities/civil-society-coalition-against-torture-and-impunity-tajikistan-2019-annual-report
[3] https://tbinternet.ohchr.org/Treaties/CAT/Shared%20Documents/TJK/INT_CAT_NGS_TJK_41773_E.pdf
[4] Ҳуҷҷат бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон таҳия гардидааст

**Дастури амалӣ барои судяҳо оид ба масъалаҳои ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа "Адолат бидуни ҷуброн нест: қарорҳои одилонаи судӣ – роҳ ба сулҳ бидуни шиканҷа"** аз ҷониби коршиноси байналмилалӣ Елена Волочай таҳия гардида, ӯҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии кишвар ва қонунгузории миллӣ оид ба масоили ҷуброн кардани зарар, ҷанбаҳои психологии оқибатҳои шиканҷа барои қурбониён, инчунин баррасии амалияи мақомоти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад (http://notabene.tj/Doc/Taj/Compensation%20manual_2020.pdf)[5].

**Дастури иттилоотии "Ҳуқуқи шахсоне, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ (хонаҳои кӯдакон, мактаб-интернатҳо, хона-интернатҳо барои кӯҳансолон) қарор доранд"** аз ҷониби Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният дар якҷоягӣ бо Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон таҳия гардидааст ва тавсияҳои амалиро оиди саволҳо ва ҷавобҳои марбут ба ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои иҷтимоӣ дар бар мегирад. Ҳуҷҷат ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, дар сомонаи (https://notorturetj.org/library/prava-lic-nahodyashchihsya-v-socialnyh-uchrezhdeniyah-detskih-domah-shkolah-internatah-domah) дастрас мебошад.[6]

**Дастури иттилоотӣ "Ҳуқуқи шахсоне, ки дар муассисаҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳо барои нашъамандон ҷойгир мебошанд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо"** аз ҷониби Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният дар якҷоягӣ бо Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (ФҲҲИ) таҳия гардидааст ва тавсияҳои амалиро оиди саволҳо ва ҷавобҳо дар мавзӯи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои равонпизишкӣ дар бар мегирад. Ҳуҷҷат ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, дар сомонаи (https://notorturetj.org/library/prava-lic-nahodyashchihsya-v-psihiatricheskih-uchrezhdeniyah-uchrezhdeniyah-dlya) дастрас мебошад.[7]

**"COVID-19 ва таъсири он ба вазъити мониторинги муассисаҳои пенитенсиарӣ ва озодии изҳори ақидаҳо - интихоби манбаҳои муфид"**[8] аз ҷониби Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо ФҶ "Нотабене" ва ТҶ "Хома" таҳия гардидааст[9]. 24 апрели соли 2020 аз номи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, номаҳо оиди риояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла нисбати шахсоне, ки дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, нигоҳдорӣ дар ҳабс ва дар муассисаҳои пенитенсиарӣ дар шароити COVID-19 қарор доранд, равона гардиданд. Муроҷиатномаҳо ба мақомотҳои давлатии зерин равона гардиданд: Прокуратураи генералӣ, ВКД, Вазорати адлия, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ВА, Суди Олӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ. Бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқи инсон дар рафти андешидани чораҳо оиди пешгирии хатари паҳншавии

---

[5] Ҳуҷҷат бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Фонди Зигрид Раузинг Траст таҳия гардидааст.
[6] Ҳуҷҷат бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон таҳия гардидааст
[7] Ҳуҷҷат бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон таҳия гардидааст
[8] Ҳуҷҷат бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо таҳия гардидааст
[9]https://notorturetj.org/library/covid-19-i-ego-vliyanie-na-situaciyu-s-monitoringom-penitenciarnyh-uchrezhdeniy-i-svobodoy

COVID-19 ҳамчун замима ба мактуб ҳуҷҷати "COVID-19 ва таъсири он ба вазъияти мониторинги муассисаҳои пенитенсиарӣ ва озодии изҳори ақидаҳо - интихоби манбаҳои муфид" равона гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур шарҳи стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои роҳбарикунанда нисбати чораҳое, ки аз ҷониби давлатҳо дар самти мубориза бо паҳншавии COVID-19 андешида шудаанд, ки дар он ба вазъи маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс, инчунин ба соҳаи озодии иттилоот ва изҳори ақидаҳо таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад, оварда шудааст.

**Гурӯҳ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрумкунӣ аз озодӣ** стратегияи фаъолияти худро пурра аз нав дида баромад. Соли 2019 бо аъзоёни Эътилоф ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аз нав дида баромадани фаъолияти гурӯҳ машваратҳо гузаронида шуданд. Аз 29 январ то 1 феврал дар Варшава мулоқоти кории коршиносони ФҲҲИ доир ба таҳияи стратегияи нави гурӯҳи мониторингии Эътилоф баргузор гардид.[10]. Стратегия ва нақшаи корӣ моҳи июни соли 2020 таҳия ва қабул гардиданд. Дар давраи ҳисоботӣ Эътилоф бо Ваколатдор оиди ҳуқуқи инсон барои мувофиқат намудани амалҳои муштарак оиди мониторинги ҷойҳои маҳрумшавӣ ва маҳдудкунӣ аз озодӣ гуфтушунид гузаронид. Самтҳои фаъолият муайян, рӯйхати боздидҳо омода ва рӯйхати аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ таҷдид карда шуд. Бинобар паҳншавии вируси COVID-19, чорабиниҳои банақшагирифташуда ба мӯҳлати номуайян ба таъхир гузошта шуданд.

Ташкилоти ҷамъиятии "**Маркази ҳуқуқи инсон**" дар доираи ҳамкорӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Дафтари барномавии САҲА дар Душанбе "**Ислоҳоти низоми адлия**" **амалисозии лоиҳаи "Мусоидат дар идоракунии самараноки шахсони барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ маҳкумшуда"-ро оғоз кард.** Лоиҳа ба таҳияи методология ва саволномаҳои низоми гурӯҳбандӣ ва арзёбии хатарҳо дар байни маҳкумшудагон; лоиҳаи барномаи маҷмӯии офиятбахшӣ ва барқарорсозии иҷтимоӣ (ресотсиализатсия), аз ҷумла нақшаи инфиродии офиятбахшии маҳкумшудагон; ҳамкорӣ бо Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти адлияи назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳлили модулҳои таълимии амалкунанда ва барномаҳои омӯзиши кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи коршиносӣ ва корӣ аз ҳисоби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ бо иштироки бевоситаи СРИҶҶ ВА ҶТ амалӣ мегардад.

---

[10] Мулоқоти корӣ бо дастгирии молиявии намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Фонди Зигрид Раузинг Траст ташкил карда шуд.

## 2.1.ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ВА ТАШКИЛОТҲОИ УЗВИ ЭЪТИЛОФ ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19

Эътилоф ба бехатарии ҳамкасбони худ, аз ҷумла дар давраи паҳншавии пандемияи COVID-19, аҳамияти калон медиҳад. Пас аз эълони расмии ҳолатҳои сироятёбӣ ба вируси COVID-19 дар кишвар, аксарияти ташкилотҳои узви Эътилоф ба фаъолияти фосилавӣ гузаштанд. Ҳамзамон, он ташкилотҳое, ки бо аҳолӣ, қурбониёни эҳтимолии шиканҷа ва муносибати бераҳмона, сарукор доранд, фаъолияти худро идома доданд. Дар чорчӯбаи лоиҳаи Зигрид Раузинг Траст воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ниқобҳои тиббӣ, антисептикҳо, дастпӯшҳо) ва доруворӣ барои ташкилотҳо ва аъзоёни Эътилоф харида шуданд. Кӯмаки шабеҳ аз ҷониби лоиҳаҳои ташкилотҳои узви Эътилоф расонида шуд.

Санади "COVID-19 ва таъсири он ба вазъияти мониторинги муассисаҳои пенитенсиарӣ ва озодии изҳори ақидаҳо - интихоби манбаҳои муфид" аз ҷониби Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо ФҶ "Нотабене" ва ТҶ "Хома" таҳия гардидааст . 24 апрели соли 2020 аз номи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, муроҷиатномаҳо оиди риояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла нисбати шахсоне, ки дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, нигоҳдорӣ дар ҳабс ва дар муассисаҳои пенитенсиарӣ дар шароити пандемияи COVID-19 қарор доранд, равона гардиданд. Муроҷиатномаҳо ба мақомотҳои давлатии зерин равона гардиданд: Прокуратураи генералӣ, ВКД, Вазорати адлия, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ВА, Суди Олӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ. Бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқи инсон дар рафти андешидани чораҳо оиди пешгирии хатари паҳншавии COVID-19 ҳамчун замима ба мактуб ҳуҷҷати "COVID-19 ва таъсири он ба вазъияти мониторинги муассисаҳои пенитенсиарӣ ва озодии изҳори ақидаҳо - интихоби манбаҳои муфид" равона гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур шарҳи стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои роҳбарикунанда нисбати чораҳое, ки аз ҷониби давлатҳо дар самти мубориза бо паҳншавии COVID-19 андешида шудаанд, ки дар он ба вазъи маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс, инчунин ба соҳаи озодии иттилоот ва баёни ақидаҳо таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад, оварда шудааст.

Аз ҷониби Эътилоф дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муроҷиатҳо ва аризаҳо ба мақомотҳои давлатӣ омода гардиданд:

Ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ барои мубориза бо COVID-19 ҳамкорӣ пешниҳод менамояд  Намояндагони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Шабакаи занони маъюби Тоҷикистон омодагии худро ба ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ бо мақсади пешгирии паҳншавии коронавирус иброз намуданд.

Эътилофи зидди шиканҷа риояи ҳуқуқҳои маҳбусонро дар шароити маҳдудиятҳо дар доираи мубориза бар зидди COVID-19 водор мекунад  Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ба риояи ҳуқуқҳои маҳбусон дар шароити маҳудудиятҳо, ки аз ҷониби ҳукумат дар доираи мубориза бар зидди хатари коронавирус ҷорӣ шудаанд, даъват менамояд.

Вазорати тандурустӣ ба дархости Эътилоф посух дод: вазъи эпидемиологӣ дар кишвар нисбатан ором аст . Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дархости Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хоҳиш намудааст оид ба вазъи паҳншавии коронавирус дар кишвар ва чораҳои бахри пешгирӣ ва мубориза бо коронавирус андешидашуда равшанӣ андозад, посух дод.

Ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон аз ВКХ хоҳиш намуд, то ба муҳоҷирони тоҷик, ки дар давраи пандемия берун аз кишвар мондаанд, кӯмак расонад .Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон аз ҳолати муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи пандемияи COVID-19 берун аз кишвар мондаанд, нигаронӣ намуда, ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуб оиди дастгирӣ намудани ҳамватанон муроҷиат намуданд.

Муроҷиати ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба СУТ . Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон вобаста ба нигаронии аҳолӣ аз вазъи эпидемиологӣ дар кишвар бо мактуб ба намояндагии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) дар ҶТ муроҷиат намуда, хоҳиш намудаанд, ки тавсияҳои онҳо ба назар гирифта шаванд.

Ташкилотҳои узви Эътилоф дар давраи пандемияи COVID-19 фаъолияти пурғайратро амалӣ намуданд. Бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин дар доираи фаъолияти хайриявӣ ташкилотҳои узви Эътилоф воситаҳои тиббӣ, воситаҳои муҳофизати шахсӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ барои намояндагони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои тиббӣ ва оилаҳои камбизоат харида, тақсим намуданд;  чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро ба анҷом расонида, амалигардонии машваратҳои ҳуқуқӣ ва равониро бевосита ва тавассути телефонҳои тамоси фаврӣ идома доданд.

ТҶ "Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир" бо дастгирии молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ барои дастгирии ташаббусҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 дар ҳудуди ВМКБ ба маблағи умумии 78178,41 сомонӣ кӯмак расонид. Бо ин маблағ воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ниқобҳои тиббӣ, либосҳои муҳофизатӣ), антисептикҳо, маводҳои безараргардонӣ ва доруворӣ харида шуда, байни кормандони РВКД ВМКБ, муассисаҳои тиббӣ ва аҳолӣ тақсим карда шуданд.

Аз ҷониби “Ассотсиатсияи Машваратчиёни халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон” “тамоси фаврӣ” ба рақами (+992) 92 7703769 барои пешниҳод намудани машваратҳои ҳуқуқӣ ҳам ба беморон ва ҳам ба кормандони низоми тандурустӣ ташкил шудааст. Тавассути “тамоси фаврӣ” ҳар моҳ то 20 зангҳо аз манфиатгирандагон ворид мешаванд. Дар се шаҳрҳои вилояти Суғд-Исфара (11 марти соли 2020), Хуҷанд (13 марти соли 2020), Панҷакент (27 марти соли 2020) семинарҳои иттилоотӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ оиди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои худ ҳангоми хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла маълумот оиди сирояти нави коронавирус гузаронида шуданд, ки дар онҳо 300 нафар иштирок варзиданд. Дар моҳи июни соли 2020 дар доираи лоиҳаи “Озодии ВАО-кафолати шаффофият” ток-шоу бо иштироки намояндагони фаъоли ВАО гузаронида шуд, ки дар он нақши ВАО дар рушди ҷомеаи демократӣ, дар паҳнкунии иттилооти боэтимод дар давраи пандемия ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар саросари ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳокима гардид. Иштирокчиёни ток-шоу зарурати таъмин намудани дастрасии озоди ВАО ба манбаҳои боэътимоди иттилоот оиди масоили пандемия, инчунин аҳамияти ҳамкорӣ ВАО бо мақомотҳои давлатӣ оиди масъалаи мазкур қайд намуданд. Ток-шоу 22 июни соли 2020 (21:30) ва 23 июни соли 2020 (12:00) дар эфири ширкати радиотелевизионии “Азия” пахш гардид.

Моҳҳои май-июни соли 2020 ТҶ “Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ” (ДОШ) 90 маҷмӯи воситаҳои муҳофизати шахсиро (ниқобҳои сарпӯшдор, респираторҳо, антисептикҳо, сипарҳо, дастпӯшҳо, витаминҳо) барои фаъолони вилоятҳои Хатлон ва Суғд харидорӣ намудааст . Варақаҳои дорои инфографика оиди пешгирии COVID-19 ба се забон (русӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ) ба шумораи 1000 дона таҳия ва чоп гардиданд. Варақаҳо дар доираи фаъолияти хайриявии ДОШ байни аҳолии минтақаҳои дурдаст якҷоя бо маҳсулотҳои ниёзи аввалиндараҷа (биринҷ, орд, равған, наск, макарон, воситаҳои гигиенӣ ва воситаҳои муҳофизати шахсӣ) тақсим карда шуданд. Кӯмак ба зиёда аз 400 оила, сокинони хонаҳои пиронсолон ва шахсони дорои маъюбият дар Деҳмойи вилояти Суғд расонида шуд . Коршиносони ДОШ ба Президенти ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, Вазорати мудофиаи ҶТ, Ваколатдор оиди ҳуқуқи инсон дар ҶТ муроҷиат омода намуда, сохторҳои дар боло номбаршударо даъват намуданд, ки паёмҳои оиди ҳолатҳои сироятёбиро дар ВАО ҷиддӣ омӯзанд, нисбати пешгирӣ чораҳо андешанд, ба саломатии сарбозон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд, то ки ба беморшавии онҳо роҳ надиҳанд, даъватшудагон аз ташхиси пурраи тиббӣ гузаранд, нисбати даъватшудагон санҷиши тестӣ, ташхиси ҳатмии рентгенӣ ва дигар чораҳо гузаронида шаванд. Ташкилот инчунин барои ҳуқуқшиносон ва фаъолон оиди пандемияи COVID-19 ва ҳуқуқҳои инсон вебинар гузаронид, ки дар он 40 нафар иштирок намуданд .

Мутахассисони ТҶ “Наҷоти кӯдакон” аз лаҳзаи эълони расмӣ оиди вуҷуд доштани COVID-19 дар ҶТ ба гурӯҳи мобилӣ (МГ) дохил шуда, дар доираи барномаи “Аз хона ба хона” дар ноҳияҳои дурдаст ва ҷамоатҳои гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоби вилояти Хатлон (Ҳамадонӣ, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Мӯминобод, Восеъ) як қатор

маъракаҳои иттилоотӣ гузарониданд. Дар доираи маъракаҳои иттилоотӣ буклетҳо (1600 нусха) паҳн карда шуданд, машваратҳои ҳуқуқӣ ва равонӣ барои занон, ки фарзандон ва шавҳаронашон дар муҳоҷират дар Федератсияи Русия қарор доранд, гузаронида шуд. Дар моҳҳои май-июли соли 2020 кормандони ташкилот ба маблағи 7000 сомонӣ маҳсулоти хӯрокворӣ харида, ба 75 оилаҳои камбизоат супориданд. Дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии "Назари дигар", "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" ба 19 оилаҳои кӯдакони дорои синдроми Даун маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва воситаҳои зиддивирусӣ тақсим карда шуданд, инчунин 16 нуқтаҳои фелдшерию акушерӣ дар 16 ҷамоати минтақа бо воситаҳои муҳофизати шахсӣ таъмин гардиданд. Дар айни замон шабонарӯз тамоси фаврӣ амал мекунад, ки ба аҳолӣ оиди масоили ҳуқуқӣ, равонӣ ва тиббӣ машварат медиҳад. Дар давраи пандемия, тибқи таҳлили ташкилот, ҳолатҳои зӯроварӣ дар оилаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ зиёд гаштаанд. Бо дастгирии "Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон" дастгирии занон-қурбониёни зӯроварӣ ва қабули онҳо дар идораи Хонаи бехатар идома меёбад. Ҳайати кормандон бо воситаҳои муҳофизати шахсӣ таъмин гардида, ба қабули шаҳрвандон омода мебошанд.

Назди ташкилоти ҷамъиятии "Маркази ҳуқуқи инсон" "тамоси фаврии машваратҳо" амал менамояд, ки имкон медиҳад оид ба масъалаҳои мухталифе, ки дар робита бо оқибатҳои пандемия ба вуҷуд омадаанд, ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо фавран маълумот ва машварати ҳуқуқӣ диҳанд. ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" ба шаҳрвандоне, ки дар вазъияти душвор қарор доранд, дар тамос бо Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ва бозгашти онҳо ба ватан аз Федератсияи Русия ва Қазоқистон мусоидат менамояд. Дар айни замон ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" бо дастгирии Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Уфа тартиби баргардонидани се шаҳрванди ноболиғи ҶТ ба ватан, ки дар ФР бе волидайн мондаанд, амалӣ мегардонад.

ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" ҳамоҳангсози Шабакаи Осиёи Марказӣ оиди ҳуқуқ ба манзили муносиб мебошад. Дар доираи фаъолияти Шабака ҳисоботи тафсирӣ "COVID-19 ва ҳуқуқ ба манзил" оиди чораҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ин кишварҳо дар соҳаи ҳуқуқ ба манзили муносиб, ҳуқуқи манзилӣ ва соҳаҳои дахлдор андешида шудаанд, барои ҳалли масъалаҳои бинобар COVID-19 бамиёномада омода гардид. Ҳуҷҷат ба Маърӯзачии махсуси СММ оиди ҳуқуқ ба манзили муносиб Балакришнан Раджагопал равона гардид.

Интишорот омода гардиданд:

- Шабакаи Осиёи Марказӣ оиди ҳуқуқ ба манзили муносиб ба риояи ҳуқуқ ба манзили муносиб дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраи пандемияи COVID-2019 даъват намуд.
- *Лейлани Фарха: "Кӯчондан ба тавсияҳо мувофиқат намекунад "дар хона бимонед" . "Дар пешорӯйи пандемияи мазкур кӯчонидан аз хонаи худ ҳукми*

эҳтимолии қатл мебошад. Ҳуқуқ ба манзили муносиб дар ҳолатҳои фавқулода бекор карда намешавад”,- мегӯяд ӯ дар паёмии видеоӣ худ.

Фонди ҷамъиятии “Ташаббуси ҳуқуқӣ” ба кӯдаконе, ки дар муассисаи ислоҳӣ барои ноболиғон Я/С 3/12 СРИЧҶ ВА ҶТ адои ҷазо мекунанд ва ба кормандони ин муассиса, инчунин ба қурбониёни шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо кӯмак расонид. Аз ҳисоби маблағҳои ташкилот ва ҶСП ТАҚХ “Хумо” воситаҳои гигиенӣ (собун, шампун, хамираи дандоншӯйӣ ва дандоншӯяк) ва воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ниқобҳо, антисептикҳо), инчунин ҳароратсанҷ, доруворӣ ва витаминҳо харида шуда, ба кӯдаконе, ки адои ҷазо мекунанд ва ба кормандони ин муассиса супорида шуданд. Барои қурбониёни шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ниқобҳо, антисептикҳо), инчунин доруворӣ ва витаминҳо харида супорида шуданд. Байни қурбониёни шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо, инчунин байни кӯдаконе, ки дар муассисаи ислоҳӣ барои ноболиғон Я/С 3/12 СРИЧҶ ВА ҶТ адои ҷазо мекунанд 14 қуттӣ (ҳар як қуттӣ иборат аз 8 бастаи шӯрбоӣ) омехтаи хушки шӯрбо тақсим карда шуд. Кӯмаки мазкур аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Авесто” дар доираи барномаи ЮСАИД “Озуқаворӣ ба хотири” дар Тоҷикистон расонида шуд.

Омодасозии гузориши семоҳаи Эътилоф барои соли 2020. Аз ҷониби ташкилотҳои узви Эътилоф гузориш оиди фаъолият барои моҳҳои январ-марти соли 2020 омода гардид. Гузориш ба забони русӣ дар инҷо дастрас мебошад: (https://notorturetj.org/activities/rezultaty-deyatelnosti-za-yanvar-mart-2020-g )

## 2.2. ТАТБИҚИ НИЗОМИ ОФИАТБАХШИИ ҚУРБОНИЁНИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Ҳадафи Гурӯҳ оид ба офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаи онҳо расонидани кӯмаки ҳадди аксар имконпазир ба қурбониён дар барқароркунии мустақилӣ ва қобилиятҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин ҳамгироии пурраи иҷтимоӣ ва иштироки онҳо дар ҷомеа мебошад.

Бинобар паҳншавии босуръати вируси COVID-19 дар Тоҷикистон ва серодам будани муассисаҳои тиббӣ, барои таъмини бехатарии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаи онҳо ГОҚ фаъолияти худро аз нав дида баромад. Аз 1 апрел ташхиси тиббӣ ва кӯмак дар ҳолатҳои ғайритаъҷилӣ ба мӯҳлати дертар мавқуф гузошта шуд, кӯмаки равонӣ дар реҷаи онлайн ё тавассути телефон пешниҳод карда мешавад ва ҳамзамон кори корманди иҷтимоӣ тақвият дода шуд. Фаъолияти умумии ГОҚ қатъ нагардида, ҳамаи корҳо то 22 июн дар реҷаи фосилавӣ идора карда шуд.

**Пешниҳоди хизматрасониҳои офиятбахшӣ барои қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо.**

Дар давоми шаш моҳи соли 2020, 27 нафар барои офиятбахшӣ (аз рӯйи 18 парванда), аз ҷумла 8 мард, 13 зан, 2 писари ноболиғ ва 4 духтари ноболиғ ворид гардиданд. Аз шумораи умумии шахсони воридшуда 15 нафар қурбонии бевоситаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, як духтар (12 сола) қурбонии зӯроварии шаҳвонӣ ва 11 нафар хешовандони қурбониёни шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.

Нисбати 13 нафар зӯроварии ҷисмонӣ истифода шудааст: лату кӯб бо бастани пойҳо ва дастҳо, гузаронидани ҷараёни электрикӣ аз нохунҳои дастҳо ва атрофи қадкашак, лату кӯби атрофи сар, обрезӣ, латукӯби шикам, сар ва рӯй, кашидани мӯйи сар, зарбаҳо бо муштон дар рӯй. Нисбати ду нафар аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фишори равонӣ, таҳқир, сухани қабеҳ истифода бурда шуд.

Ба 17 аз 27 нафар <u>кӯмаки тиббӣ</u> расонида шуд:

- ✓ Муолиҷаи амбулаторӣ – 11
- ✓ Муолиҷаи статсионарӣ – 5
- ✓ Муоинаи тиббӣ – 17
- ✓ Физиотерапия ва маҳс – 3
- ✓ Доруворӣ – 17
- ✓ Муолиҷаи осоишгоҳӣ-курортӣ – 0 (ба мӯҳлати дертар дар робита ба пандемияи COVID – 19 мавқуф гузошта шуд).

*<u>Кӯмаки равонӣ</u>* ба 12 нафар қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо расонида шуд:

- ✓ Арзёбии ибтидоӣ – 12

- ✓ Хулосаи вазъи равонӣ – 12
- ✓ Сеансҳои равонӣ – 12
- ✓ Омодасозии хулосаҳои равонӣ пеш ва баъд аз офиятбахшӣ – 12
- ✓ Машварати адвокатҳо оид ба ташхиси равонӣ барои муайян кардани зарари маънавӣ – 1

Аз рӯйи парвандаҳои боқимонда, кӯмаки равонӣ бинобар пандемияи COVID-19 ба мӯҳлати дертар мавқуф гузошта шуд.

Ба тамоми мурочиаткунандагон кӯмак ва дастгирии иҷтимоӣ расонида шуд: дар вилояти Хатлон - 11 нафар, дар вилояти Суғд - 6 нафар, Душанбе ва НТҶ - 10 нафар.

Офиятбахшии такрорӣ. Дар давраи ҳисоботӣ, кӯмаки тиббии такрорӣ ба се нафар: зан, мард ва духтари ноболиғ расонида шуд. Ҳама аз муоина, ташхис гузашта, табобати амбулаторӣ гирифтанд. Кӯмак дар асоси машварат ва тавсияи духтурон расонида шуд.

**Роҳнамо оиди офиятбахшии иҷтимоии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо**

Роҳнамо дар чорчӯбаи лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо "Пешбурди бархурди ҳифзи ҳуқуқ дар ислоҳоти низоми пенитенсиарии Тоҷикистон" таҳия гардида, амалҳои марҳилавии ҳангоми пешниҳоди кӯмаки иҷтимоӣ ва дастгирии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳоро дар бар мегирад. Инчунин дар Роҳнамо амалҳои марбут ба дастгирии иҷтимоӣ ва кейс-менеҷмент оғоз аз мавриди мурочиат намудан то офиятбахшии пурраи қурбонӣ дарҷ мегарданд.

**Роҳнамо оиди офиятбахшии равонии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо**

Роҳнамо барои равоншиносон ҳуҷҷатест, ки онро мутахассисони равоншинос, ки ба қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо кӯмаки равонӣ мерасонад, истифода мебаранд. Роҳнамо тарҳи пешниҳоди кӯмак ва усулҳоеро дарбар мегирад, ки равоншиносон бояд ҳангоми арзёбии ибтидоӣ ва расонидани кӯмаки равонӣ истифода баранд. Роҳнамои мазкур кейс-менеҷмент (варақаҳои бақайдгирӣ, арзёбии ибтидоӣ, арзёбии мобайнӣ ва ниҳоӣ ва ғайра), инчунин Роҳнамо оид ба кори иҷтимоиро дарбар мегирад.

## 2.3.КӮМАКИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ (ГКҲ) ба пешбурди ташаккули низоми эътинои самаранок ба арзҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти шиканҷа дар Тоҷикистон, инчунин ба ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба расонидани кӯмаки амалии ҳуқуқӣ ба қурбониён ва аъзоёни оилаи онҳо равона шудааст.

Вазифаҳои асосии ГКҲ аз инҳо иборат мебошанд:

- Муайян намудани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- Муайян намудани тартибот ва механизми ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё ба хешовандони онҳо, гузаронидани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- Таҳияи қоидаҳо ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатҳо оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои узви Эътилоф оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
- Пешбурди ташаккули механизмҳои эътино ва тафтишоти самараноки шиканҷа.

Котиботи ГКҲ аз ҳамоҳангсоз, се мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории шиканҷа дар шаҳри Душанбе ва НТҶ, дар вилояти Суғд, дар вилояти Хатлон (бо фарогирии парвандаҳо дар ВМКБ) ва мушовирон ГКҲ оид ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории тиббии шиканҷа тибқи стандартҳои Истамбулӣ (СИ) иборат аст.

Дар соли 2020 ГКҲ фаъолиятро идома дод, ки ба иҷро намудани корҳои зерин равона шуда буд:

- Расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодабарии шиканҷа. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф имкон медиҳад, ки маълумоти бевоситаро оиди вазъи шиканҷа дар кишвар ба даст орад ва пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкон медиҳад ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ҳифзи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷуброн ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ноил гардад;
- омодасозии мавод барои ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативӣ ба мақомотҳои СММ, инчунин дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқи инсон.

### 2.3.1. Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона

Фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф ба пешбурди ташаккули низоми эътинои самаранок ба арзҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва

механизми мустақили тафтишоти шиканҷа дар Тоҷикистон, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба расонидани кӯмаки амалии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо равона шудааст.

Дар 6 моҳи соли 2020, Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро идома дод, машварат ва кӯмаки ҳуқуқӣ пешниҳод намуда, фаъолиятро оид ба мониторинги мурофиаҳои судӣ ба анҷом расонид. Дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи таҳлилӣ, аз болои ҳуҷҷатҳое, ки бояд ба сохторҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод мешуданд, кор бурд. Якҷоя бо Гурӯҳи расонаӣ фаъолиятро оид ба омодасозии маводҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро ва паёмҳо оид ба парвандаҳои алоҳида, қонунгузорӣ ва амалияи истифодабарии шиканҷа ва муносибати бераҳмона пеш бурдааст.

Кормандони Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ корҳоро дар шароити пандемия идома доданд. Аммо, аризаҳои омодашуда оид ба ҷиноят дар ПГ ҶТ бо таври муносиб тибқи меъёрҳои мурофиавии пешбининамудаи қонунгузории миллӣ ба қайд гирифта намешаванд, ки боиси гузаронидани мӯҳлати мурофиавӣ мегардад. Сомонаҳои электронӣ ғайрисамаранок буда, ирсоли аризаҳои электрониро ғайриимкон месозанд.

Адвокатҳо ба боздиди зерҳимояҳои худ имконият надоранд, маъмурияти тавқифгоҳи тафтишотӣ ҳатман иҷозати хаттии муфаттиш ё судяро талаб менамояд. Бинобар вазъи эпидемиологӣ дар кишвар, ҳатто ҳангоми мавҷудияти иҷозати хаттӣ, СРИҶҶ ВА вохӯрии адвокатҳоро бо зерҳимояҳои худ манъ кардааст.

Дар давраи ҳисоботӣ, мутахассисони ГКҲ ба чунин мушкилот, ба монанди даст кашидани қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо аз шикояти минбаъда нисбати амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дучор гардиданд. Дар натиҷаи чунин дасткашӣ, анҷом додани кори иҷронамудаи мутахассис ғайриимкон мегардад, ки ба самаранокии нишондиҳандаҳои фаъолияти ГКҲ дар маҷмӯъ таъсири манфӣ мерасонад.

**Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона**. Дар давраи аз 1 январ то 30 июни соли 2020 аз ҷониби котиботи Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ 25 муроҷиатҳо оиди масъалаҳои истифодашавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона, аз ҷумла 6-нисбати занон (аз онҳо як зан-қурбонии рафторҳои шаҳвонӣ дар кор) ҳуҷҷатгузорӣ гардидааст. Корҳо аз рӯйи 11 парвандаи солҳои гузашта идома дода шуд.

| | **Минтақаҳо** | | | | **ҲАМАГӢ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТҶ | Вилояти Хатлон, ВМКБ | Вилояти Суғд | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ гардиданд | 7 | 2 | 8 | 8 | **25** |
| Адвокат пешниҳод гардид | 2 | | | 3 | **5** |
| Дастгирии ҳуқуқӣ | 3 | 1 | 7 | 6 | **17** |
| Мониторинги кори адвокатҳо | 1 | | | 2 | **3** |
| Аз кӯмаки ҳуқуқӣ дар рафти расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашиданд | 1 | | 4 | | **5** |
| Машварат пешниҳод гардид, ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуданд | 108 машварат пешниҳод гардид,<br>115 ҳуҷҷат дар ДИП, ПГ, ВКД, ВҲИ ҶТ тартиб дода шуд | | | | |

**<u>Намудҳои асосии поймолкунии ҳуқуқи инсон дар ҷараёни ҳабс ва гузаронидани тафтишот:</u>** боздошти ғайриқонунӣ ва худсарона; зӯроварии ҷисмонӣ дар шакли лату кӯб, шиканҷа бо ҷараёни электрикӣ; таҳдидҳои таҷовуз ба номуси худи қурбонӣ ва/ё аъзоёни оила; тарсондан бо нигоҳдорӣ дар ҳабс.

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона бо мақсади ба даст овардани иқроршавӣ, ҷазо додан барои амалҳои муайян ё ҳамчун чораи ромкунӣ ва таҳқири шаъну шараф истифода бурда мешаванд.

**<u>Гурӯҳҳои синнусолии қурбониён:</u>**

То 18-сола: 2 нафар
19-32-сола: 9 нафар
33-45-сола: 9 нафар
46-60-сола: 4 нафар
60 сола ва боло: 1 нафар

Аризаҳо оиди истифодашавии шиканҷа **ба мақомоти давлатии** зерин ворид гардиданд:

- ВКД – 19
- КДАМ - 1
- СРИЧЧ – 2
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 1
- ВМ-1
- Қурбонии рафтори шаҳвонӣ дар ҷойи кор (бахши хусусӣ)-1

**<u>Машваратҳои ҳуқуқӣ</u>**

<u>Мутахассисон оиди ҳуҷҷатгузории шиканҷа:</u> Дар ГКҲ се телефони тамоси фаврӣ (боварӣ) амал мекунанд: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар Душанбе ва НТҶ (987087676). Телефонҳо шабонарӯз, аз ҷумла рӯзҳои истироҳат ва ид дастрас мебошанд.

Дар маҷмӯъ, дар давраи ҳисоботӣ беш аз 58 машварат пешниҳод гардид, 26 вохӯрӣ бо адвокатҳо ва 17 мушоиат ба ГПТ, ДИП, ВҲИ, Хадамоти Амнияти ВКД гузаронида шуданд.

Ташкилотҳои узви ГКҲ нисбати шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф машваратҳо пешниҳод намуданд: **ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"** аз рӯйи 2 парванда оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона хизматрасониҳои адвокатро пешниҳод намуда, 50 машварат гузарониданд ва 58 ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию мурофиавиро тартиб доданд.

**ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"** пешниҳоди машваратҳои ҳуқуқӣ ва намояндагиро дар мақомоти давлатӣ ва судӣ аз рӯйи парвандаҳои марбут ба хизматчиёни ҳарбӣ идома дод. Ҳамин тавр, дар давоми шаш моҳ, аз ҷониби ҳуқуқшиносони ташкилот ба **<u>208 даъватшудагон, хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаи онҳо</u>** машварат дода шуд. Ташкилот дорои пойгоҳи иттилоотии хусусӣ барои бақайдгирии муроҷиатҳо мебошад, аз ин рӯ, ин омор дар алоҳидагӣ бурда мешавад ва ба омори умумии Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ шомил карда намешавад.

Дар назди ташкилот телефонҳои тамоси фаврӣ барои кӯмаки ҳуқуқии ройгон амал менамояд: 992 93 333 18 03; +992 93 333 17 03.

Адвокатҳои "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" ба хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо кӯмаки ҳуқуқӣ расониданд ва дар 7 парванда дар марҳилаи санҷиш, тафтишоти пешакӣ, суди марҳилаи аввал ва дуюм иштирок намуданд.

Дар як нимсола, аз ҷониби коршинос оид ба стандартҳои Протоколи Истамбулӣ марбут ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона тибқи стандартҳои Протоколи Истамбулӣ кӯмаки коршиносӣ расонида шуд. Дар гузаронидани таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббӣ, таҳияи дархост оиди таъин намудани ташхиси маҷмӯӣ, таҳияи стратегияи ҷамъоварии далелҳои тиббӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва пас аз оғози парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба истифодаи далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона кӯмаки машваратӣ расонида шуд.

Кӯмаки коршиносии зерин расонида шуд:

1. Омӯзиш ва такмили муштарак бо мутахассисон оиди ҳуҷҷатгузории шаклҳои бақайдгирӣ – 13.
2. Таҳияи стратегияи кор барои мутахассисон оиди ҳуҷҷатгузорӣ – 4.
3. Таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ – 8.
4. Таҳияи дархост оиди таъин намудани ташхиси маҷмӯӣ ва шикоят – 5.
5. Омодасозии шарҳи қонунгузорӣ оиди масъалаҳои шаҳодаткунонии тиббӣ аз рӯйи парвандаҳои марбут ба таҷовуз ба номуси занон.
6. Кӯмаки коршиносӣ дар таҳияи ариза оиди тезонидани баррасии аризаи намояндаи ҷабрдида оиди таъин намудани ташхиси маҷмӯӣ нисбати ноболиғ дар мақомоти прокуратура.
7. Кӯмаки коршиносӣ ба мутахассис оиди ҳуҷҷатгузорӣ дар тартиб додани дархост оиди ба даст овардани маълумотҳои тиббӣ (оиди натиҷаҳои шаҳодаткунонии тиббӣ ва муолиҷа) аз муассисаҳои тандурустӣ - 2.
8. Кӯмаки коршиносӣ ба мутахассис оиди ҳуҷҷатгузорӣ дар тартиб додани дархост оиди ба даст овардани сабтҳои видеокамераҳо ва нусхаҳо аз китоби бақайдгирӣ дар қисми навбатдорӣ нисбати овардани қурбонӣ ва омадани духтур барои шаҳодаткунонӣ – 1.
9. Кӯмаки коршиносӣ ба адвокат дар тартиб додани ариза оиди ба даст овардани нусхаҳои ҳуҷҷатҳои тиббӣ (ризоият аз номи қурбонии эҳтимолии шиканҷа барои ба даст овардани маълумотҳои тиббӣ аз муассисаҳои тандурустӣ, инчунин барои истеҳсоли ташхис) - 1.
10. Кӯмаки коршиносӣ ба адвокат дар асоснок намудани қисми тиббии аризаи даъвогӣ оиди рӯёнидани ҷуброни зарар - 1.

Аз ҷониби коршинос дар якҷоягӣ бо мутахассис оиди ҳуҷҷатгузорӣ инчунин ҷадвали иттилоотӣ барои аҳолӣ оиди масъалаҳои ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва озодӣ аз шиканҷа ҳангоми қарор доштан дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ омода гардид.

**Мониторинги маҷлисҳои судӣ**

*<u>Мониторинги мурофиаҳои судӣ.</u> Дар давраи ҳисоботӣ 6 мониторинги маҷлисҳои судӣ аз рӯйи 4 парванда гузаронида шуд.*

Мушоҳидаҳои асосӣ:

- Аксари ҷаласаҳои судӣ бо таъхири зиёд оғоз мешуданд. Аз шаш ду ҷаласаи судии бо мониторинг фарогирифташуда 30 дақиқа дертар оғоз гардида, чор ҷаласаи боқимонда бо таъхири назаррас аз 1,5 то 2 соат оғоз ёфтанд.
- Дар як қатор дархостҳои изҳорнамудаи адвокатҳо, судяҳо бар зидди қонунгузории мурофиавӣ ва стандартҳои байналмилалӣ қабули қарорро ба маҷлиси судии минбаъда мавқуф гузоштанд.
- Мушоҳидон инчунин қайд карданд, ки дар биноҳои суд шароитҳо фароҳам оварда нашудааст: дар фасли зимистон толорҳои судӣ гарм карда

намешаванд ва иштирокчиён маҷбур мешаванд, ки бо либоси рӯйӣ нишинанд.

а) Нобаробарии иштирокчиён: айбдоркунандаи давлатӣ (додситон), котиби суд ва кормандони милитсия аз телефонҳои мобилии худ дар толори суд истифода бурданд, ҳол он ки дигар иштирокчиёни суд дар даромадгоҳ кофтуков гардида, телефонҳои мобилии онҳо мусодира карда шуданд.

**<u>Расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ/намояндагӣ дар суд</u>**

